МАЪРИФАТ, АДОЛАТ, САДОҚАТ, ҚОНУНИЯТ

# НАБЗИ МИЛИТСИЯ

№6 (82),
ИЮНИ СОЛИ 2022
www.avkd.tj
avkdtj@mail.tj

НАШРИЯИ АКАДЕМИЯИ ВАЗОРАТИ КОРҲОИ ДОХИЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН



Имрӯз ваҳдати миллӣ ба яке аз арзишҳои муҳимми ҷомеаи мо табдил ёфтааст ва масъалаи ваҳдату ягонагӣ дар кору фаъолияти давлат ва ҳар як фарди ҷомеа қадру манзалати баланд ва ҷойгоҳи муҳим дошта, мардуми Тоҷикистон ин арзиши миллиро ҳамеша гиромӣ медоранд ва онро ҳифз мекунанд.

Аз баракати сулҳу оромӣ мо нақшаҳои худро доир ба пешрафти босуботи кишвар, ободониву созандагии Ватан ва зина ба зина беҳтар гардонидани сатҳу сифати зиндагии мардум дар доираи чор ҳадафи стратегии миллӣ муайян ва муттаҳид намудем, ки имрӯз бо дастгирии самимона ва саъю талоши ватандӯстонаи халқамон дар ҷодаи амалӣ гардонидани онҳо бо қадамҳои устувор пеш рафта истодаем.

Имрӯз мардуми шарифи Тоҷикистон хуб дарк кардаанд, ки амалӣ гардидани ҳамаи омолу орзу ва нақшаву ниятҳои ҳар фарди ҷомеа, пешрафту тараққиёти давлат ва ободии Ватан маҳз ба сулҳу оромӣ, суботи комили сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ вобаста мебошад.

Хусусан, дар шароити ниҳоят ҳассоси ҷомеаи ҷаҳонӣ, торафт мураккаб шудани авзои сиёсиву иқтисодии ҷаҳон, паҳншавии бемориҳои сироятӣ ва печида гардидани раванду тамоюлҳои ҷаҳонишавӣ ҳифзи сулҳу суботи ҷомеа ва таҳкими ваҳдати миллӣ аз ҷумлаи вазифаҳои муқаддаси ҳар як фарди бонангу номуси миллат ба шумор меравад.

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат,
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон**






# Дар доираи ҳамкориҳои дуҷониба ҳайати меҳмонони эронӣ аз Академия боздид намуданд



Рӯзи 20-уми июн Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон генерал-полковники милитсия Раҳимзода Рамазон Ҳамро бо муовини амниятӣ ва интизомии Вазири кишвари Ҷумҳурии Исломии Эрон генерал-майор Сайид Маҷид Мираҳмадӣ, ки дар ҳайати гурӯҳи корӣ барои амалисозии созишномаҳои қаблан миёни Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати кишвари Ҷумҳурии Исломии Эрон имзошуда, ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф оварданд, вохӯрии судманд намуд.

Дар чараёни вохӯрӣ зикр гардид, ки сол то сол равобити Вазоратҳои корҳои дохилии ин ду кишвар дар асоси созишномаҳои дуҷонибаю бисёрҷониба рушду такомул ёфта, ин ҳамкориҳои мутақобилан судманд метавонанд бахри мубориза бо зухуроти номатлуб ва хатару таҳдидҳои замони муосир натиҷабахш бошанд.



Ҳамзамон, дар рафти вохӯрӣ ҷонибҳо масъалаҳои таҳким бахшидани ҳамкориҳои якҷояро дар самти мубориза бар зидди терроризму экстремизм ва мубодилаи иттилоот мавриди баррасӣ қарор доданд.

Дар доираи ин боздид, муовини амниятӣ ва интизомии вазири кишвари Ҷумҳурии Исломии Эрон генерал-майор Сайид Маҷид Мираҳмадӣ дар ҳайати гурӯҳи корӣ рӯзи 21-уми июн ба Академияи ВКД ташриф оварданд. Меҳмонони олиқадрро роҳбарияти Академия ба таври тантанавӣ бо қаровули фахрӣ ва меҳмоннавозии тоҷикона истиқбол намуданд.

Зимни мулоқот бо роҳбарияти Академия, ҳайати меҳмонон масоили таҳким бахшидани ҳамкориҳои якҷояро ҷиҳати омодасозии кадрҳо, мубодилаи тадқиқоти илмӣ ва таълиму тарбия баррасӣ намуданд.

Ҳайати меҳмонон зимни ташриф ба Академия аз биноҳои боҳашамати ин муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дидан намуда, бо шароити таҳсил дар он аз наздик шинос шуданд.

*www.vkd.tj*

*www.avkd.tj*

# Маросими тантанавии хатми таҳсил





Санаи 18-уми июн, дар арафаи 25-умин солгарди Иди Вахдати миллӣ, дар майдони сафороии Академия бо иштироки муовини Вазири корҳои дохилӣ генерал-майори хизмати дохилӣ Н. Иброҳимзода, муовини аввали сардори Академия, н.и.ҳ., полковники милитсия П. Насуриён, меҳмонони собиқадор ва волидони хатмкунандагон маросими тантанавии хатми ин муассисаи таҳсилоти олии касбӣ баргузор гардид. Бояд гуфт, маросими мазкур баъд аз гузаштан аз аттестатсияи давлатӣ ва бомуваффақият супоридани имтиҳонҳои давлатӣ баргузор гардид.



Чорабинӣ бо садо додани Суруди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз шуда, Байрақи Академияи ВКД ба маркази майдони сафороӣ бароварда шуд. Муовини Вазири корҳои дохилӣ генерал-майори хизмати дохилӣ Н. Иброҳимзода бо нутқи пурмуҳтавои табрикӣ баромад карда, аз номи Вазири корҳои дохилӣ генерал-полковники милитсия Раҳимзода Рамазон Ҳамро тамоми хатмкунандагону омӯзгорон ва волидони онҳоро барои хатми бомуваффақияти Академия табрику таҳният гуфта, ба онҳо бахри хизмати софдилона дар сафҳои мақомоти корҳои дохилӣ комёбиҳо орзу намуд.

Дар чорабинии хотирмон ба хатмкунандагон, аз ҷумла ба он афсароне, ки факултетҳои №1 ва №2-ро хатм намуданд, дар фазои тантанавӣ дипломҳои Академия ва нишони сарисинагӣ супориданд. Барои он хатмкунандагоне, ки факултети №2-ро бо хониши аъло хатм намуданд, рутбаи лейтенанти калони милитсия ва дипломи аъло дода шуд. Инчунин, дар вазъияти тантанавӣ аз ҷониби роҳбарияти ВКД ва Академияи он ба дигар хатмкунандагони ин факултет дипломҳо супорида шуданд.

Сипас, хатмкунандагони фаъол ва волидони онҳо баромад карда, ба Асосгузори сулҳу вахдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Вазири корҳои дохилӣ генерал-полковники милитсия Раҳимзода Рамазон Ҳамро, роҳбарият ва омӯзгорони Академия бахри заҳматҳояшон дар муддати таҳсил изҳори миннатдорӣ намуда, роҳбарияти Вазорати корҳои дохилиро бовар кунониданд, ки барои амалӣ намудани сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат, таъмини волоияти қонун, ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон тамоми дониш ва малакаи азбарнамудаи худро содиқона сарф хоҳанд намуд.

Маросими ботантанаи хатм дар Академия бо садо додани сурудҳои ватандӯстона, расми гузашти низомӣ бо талаботи оиннномавӣ дар вазъияти рухбаландӣ аз фазои сулҳу Вахдати миллӣ баргузор гардид.

*Б. Асламов,*
*С. Сафарзода,*
*Ш. Убайдуллоев*

# Хушхабар аз шаҳри Москва!



Рӯзи 16-уми июн дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии назди Академияи идоракунии ВКД Федератсияи Россия ҳимояи рисолаи доктории сардори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, дотсент, генерал-майори милитсия Шарифзода Файзалӣ Раҳмоналӣ бомуваффақият сурат гирифт. Ҳайати аъзои Шӯро иборат аз 22 нафар якдилона ҳимояи рисоларо маъқул шумориданд.

Раиси Шӯрои диссертатсионии Д 203.002.08, ки дар заминаи Муассисаи федералии давлатии таълимии таҳсилоти олии касбӣ "Академияи идоракунии Вазорати корҳои дохилии Федератсияи Россия", доктори илмҳои ҳуқуқ, дотсент Киричек Евгений Владимирович таъсис ёфтааст, рӯзи 16-уми июн пас аз анҷоми раванди дифои рисолаи доктории Шарифзода Файзалӣ Раҳмоналӣ хулосаи Шӯроро дар бораи ба Шарифзода Файзалӣ Раҳмоналӣ додани унвони илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ қироат намуд.

Ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии Д 203.002.08 кушода эълон шуда, ба ҳимоя мавзӯи довталаби рисолаи доктории Шарифзода Файзалӣ Раҳмоналӣ дар мавзӯи "Асосҳои назариявӣ ва ҳуқуқии ташкили фаъолияти мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми таъмини амнияти миллии давлат", аз рӯи ихтисоси 12.00.11 - фаъолияти судӣ, фаъолияти прокурорӣ, фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ ва ҳифзи ҳуқуқ гузошта шуд.

Унвонҷӯ: Шарифзода Файзалӣ Раҳмоналӣ 14 апрели соли 1974 таваллуд шудааст. Соли 1997 Мактаби Олии милитсияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо ихтисоси "Ҳуқуқшиносӣ" хатм кардааст. Соли 2009 ба таври рӯзона Академияи идоракунии ВКД Федератсияи Россияро хатм карда, дар баробари он рисолаи номзадиашро дифоъ намудааст. Солҳои 2021-2022 докторанти кафедраи "Ташкили фаъолияти мақомоти корҳои дохилии маркази машқи ситодӣ-фармондеҳӣ"-и Академияи идоракунии ВКД Федератсияи Россия буд.

Мушовири илмии довталаб доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор, сарходими илмии Маркази илмӣ-тадқиқотии Академияи идоракунии Вазорати корҳои дохилии Россия Анатолий Михайлович Кононов мебошад.

Муассисаи пешбар: Донишгоҳи Москвагии Вазорати корҳои дохилии Федератсияи Россия ба номи В.Я. Кикот бaромад кардааст.

Муқарризони расмии диссертатсия:

1) Сангаджиев Бадма Владимирович, доктори илми ҳуқуқ, профессор, мудири кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ, ҳуқуқи аврупоӣ ва таъмини амнияти байналмилалии Донишгоҳи давлатии умумироссиягии адлияи Вазорати адлияи Россия;

2) Залужный Александр Гаврилович, доктори илми ҳуқуқ, профессори кафедраи "Таъминоти ҳуқуқии амнияти миллӣ"-и Муассисаи таълимии федералии давлатии буҷетии таҳсилоти олии касбии "Академияи хоҷагии халқ ва идоракунии давлатии Россия дар назди Президенти Федератсияи Россия";

3) Кардашова Ирина Борисовна, доктори илми ҳуқуқ, профессори кафедраи "Асосҳои фаъолияти прокурорӣ"-и Муассисаи давлатии таълимии федералии таҳсилоти олии "Донишгоҳи Прокуратураи Федератсияи Россия" буданд, ки ҳама дар маҷмӯъ, ба тадқиқоти диссертатсионии Шарифзода Ф.Р. баҳои баланд доданд.

Барои рисола аз минтақаҳои гуногуни Россия ва кишварҳои дигари ИДМ 15 тақриз ворид шуда буд, ки ҳама дар умум, мусбат арзёбӣ гардиданд.

Диссертатсия аз муқаддима, хулоса, 4 боб, 12 зербоб,




рӯйхати адабиёт, замимаҳо, ки дар онҳо тадқиқотҳои сотсиологӣ ва лоиҳаи санади идоракунии стратегии муаллиф инъикос гаштаанд, иборат мебошад. Ҳамзамон, дар маҷмӯъ, довталаби рисолаи докторӣ доир ба мавзӯи тадқиқотӣ 55 номгӯйи тадқиқотро дар ҳаҷми умумии 79,78 ҷузъи чопӣ, аз ҷумла 7 тадқиқоти монографӣ (ҳаҷми умумии 64,6 ҷузъи чопӣ), 48 мақолаи илмӣ дар ҳаҷми умумии 15,8 ҷузъи чопӣ, ки 27-то мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-ии Федератсияи Россия ба табъ расидаанд, ба анҷом расонидааст.

Роҳбарият ва ҳайати кормандони Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон сардори Академия, дотсент, генерал-майори милитсия Шарифзода Файзалӣ Раҳмоналиро ба муносибати бомуваффақият дифоъ намудани рисолаи доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ самимона табрик ва муборакбод намуда, дар фаъолиятҳои минбаъдаи эҷодӣ ба номбурда комёбиҳои беназир таманно доранд!

Пайдо гаштани боз як доктори илм дар низоми ВКД муборакамон бод!

# Шарафи одамӣ аз илм бошад!






Илм ба инсон имконият медиҳад, ки соҳибистеъдод гардад, хубу бадии ҳаётро омӯзад, мулоҳизакор бошад, маърифати баландро соҳиб гардаду комилҳуқуқ бошад. Донишу илм ганҷи бузургест, ки баробари дунё арзиш доранд. Инак, санаи 16-уми июн дар Шӯрои диссертатсионии Д 203.002.08 дар назди Академияи идоракунии ВКД Федератсияи Россия (ш. Москва) зери мушовараи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Ҳуқуқшиноси шоистаи Федератсияи Россия А.М. Кононов, сардори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, генерал-майори милитсия Шарифзода Файзалӣ Раҳмоналӣ рисолаи доктории худро дар мавзӯи "Теоретико-правовые основы организации деятельности органов внутренних дел Республики Таджикистан в системе обеспечения национальной безопасности государства" бо ихтисоси 12.00.11 - фаъолияти судӣ; фаъолияти прокурорӣ; фаъолияти ҳуқуқмуҳофизавӣ ва ҳуқуқҳифзнамоӣ бомуваффақият дифоъ намуд (аз 14 аъзо 14 нафар ба тарафдории он овоз доданд).

Ҳимояи мазкур дар шакли онлайн (маҷозӣ) низ гузаронида шуд, ки дар он ба сифати оппоненти ғайрирасмӣ Муртазозода Ҷамшед Сайдалӣ - вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, узви Кумита оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор баромад намуд.

Роҳбарият, ҳайати шахсӣ ва тағйирёбандаи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муносибати ҳимоя намудани диссертатсияи докторӣ генерал-майори милитсия, муҳтарам Шарифзода Файзалӣ Раҳмоналиро бо самимияти саршор таҳният гуфта, пирӯзиҳои нав, пешрафту фатҳи баланди қуллаҳои илму дониш ва сарбаландию сарфарозиро таманно менамоянд.

Роҳбарияти ВКД ва Академияи он умедвор мебошанд, ки олимони ҷавон рисолаҳои номзадию докторӣ, корҳои илмию таҳқиқотии худро пешниҳод намуда, барои пешрафти илми ҳуқуқшиносии кишвар ва васеъгардонии фазои илмию эҷодии Тоҷикистон саҳми арзишманди худро мегузоранд.

*Агар хоҳӣ шудан бар сарварон сар,*
*Биомӯзу биандешу биофар.*

***Шуъбаи ташкилӣ-илмӣ ва табъу нашр***

Сулҳ омад бар Ватан, эй тифли тоҷик, ханда кун,
Решакан шуд Аҳриман, эй тифли тоҷик, ханда кун.
Шаҳрияи Адҳамзод

ИЮНИ СОЛИ 2022

# Унвони илмии дотсент муборак!



Самиев Назар Мурадович, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, полковники милитсия. Солҳои 1994-1998 дар Мактаби Олии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон бо баҳои хубу аъло ва интизоми намунавӣ (аз соли 2000-ум Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон) таҳсил намудааст. Тӯли солҳои 1998-2000 ба ҳайси омӯзгори кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва фаъолияти маъмурии МКД Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият намудааст. Солҳои 2000-2001 ба ҳайси омӯзгори кафедраи фанҳои ҳуқуқи граждании Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон кор кардааст. Солҳои 2001-2011 омӯзгори кафедраи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва солҳои 2011-2013 омӯзгори калони кафедраи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯии факултети №2 кору фаъолият намудааст. Аълочии милитсия аз соли 2011 буда, бо қарори Раёсати КОА назди Президенти ҶТ аз 26-уми майи соли 2022 ба унвони илмии дотсент аз рӯи ихтисоси "ҳуқуқшиносӣ" мушарраф гардидааст. Бо медалҳои "75-солагии милитсияи Тоҷикистон", "Хизмати шоён", "10-солагии Артиши миллӣ" ва ғайра қадрдонӣ шудааст.

Давоми солҳои 2013-2016 ҳамчун адъюнкти факултети омоданамоии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогии Академияи идоракунии ВКД Федератсияи Россия дар кафедраи идоракунии мақомоти тафтиши ҷиноятҳо таҳсил намудааст. Санаи 6-уми апрели соли 2017 дар Академияи идоракунии ВКД Федератсияи Россия бомуваффақият тадқиқоти диссертатсионии худро дар мавзӯи "Расследование нераскрытых преступлений прошлых лет (по материалам Республики Таджикистан и Российской Федерации)" аз рӯи ихтисоси 12.00.12 - криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, таҳти роҳбари илмии доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор Лавров Владимир Петрович ҳимоя намудааст. Солҳои 2017-2017 ба хайси дотсенти кафедраи ФОҶ факултети №2 кор кардааст. Солҳои 2017-2020 ба ҳайси сардори факултети №6 фаъолият намуда, аз 18-уми марти соли 2020 бо фармоиши Вазири корҳои дохилӣ ба вазифаи сардори шуъбаи адъюнктураи Академия таъин гардида, фаъолият дорад. Ҳамзамон, аъзои Шӯрои олимони Академия мебошад (2017). Аз аввали соли 2020-ум аъзои Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-059 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

Аз соли 2018 ба ҳайси омӯзгор-ҳамкор дар кафедраи мурофиаи ҷиноятӣ ва криминалистикаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон аз фанни "Уголовно-процессуальное доказывание" ба донишҷӯён дарс мегузаронад. Дар факултети №6 аз фанни "Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ" ба курсантон дарс мегузаронад. Дар корҳои ҷамъиятӣ фаъолона иштирок намуда, куратори гурӯҳи таълимии 208-уми факултети №2 мебошад.

Муаллифи 45 кори илмӣ-методӣ мебошад. Бо маҷаллаҳои "Наркофронт", "Современная криминалистика (Криминалистикаи муосир)", нашрияҳои соҳавии "Қонун ва ҷомеа" ва "Набзи милитсия" ҳамкорӣ дорад. Ҳамчун педагог дар сатҳи баланди методӣ машғулиятҳо гузаронида, бо шогирдон корҳои инфиродӣ мегузаронад. Аз соли 2020-ум то инҷониб ба омода намудани рисолаи докторӣ машғул мебошад.

Роҳбарият ва ҳайати профессорону омӯзгорони Академияи ВКД ва Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон Самиев Назар Мурадовичро барои мушарраф гардидан ба унвони илмии дотсент аз рӯи ихтисоси "ҳуқуқшиносӣ" самимона табрику таҳният гуфта, ба ӯ комёбиҳои нав ба нави илмӣ-эҷодӣ орзуманданд.

Унвони илмии дотсент муборак Самиев Назар Мурадович!

*Шуъбаи адъюнктура*

# Рӯзи хотирмон барои хатмкунандагон

Рӯзи 11-уми июн дар майдони сафороии факултети №4, воқеъ дар шаҳри Хуҷанд, маросими дипломсупорӣ ба хатмкунандагони ин муассисаи таҳсилоти олии касбӣ доир гардид.

Ин чорабинии тантанавӣ бо иштироки муовини сардори РВКД дар вилояти Суғд полковники милитсия Бурҳониён О.П., командири қисми ҳарбии 3501 РКД ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон Халилзода Б.Ҷ. ва ҳайати омӯзгорону курсантони факултети №4 ва волидони онҳо гузаронида шуд.

Чорабинии мазкурро сардори факултети №4, н.и.ҳ., дотсент, полковники милитсия Одиназода А.Ш. оғоз бахшида, хатмкардагони факултетро табрик гуфта, барояшон роҳи сафед, рӯзгори ободи, саломативу хушбахтӣ ва садоқату самимиятро орзу намуд.

Ҳамчунин, аз тарафи муовини сардори факултети №4 оид ба қисми таълим полковники милитсия Н. Муҳаммадиев фармони ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба додани рутбаҳои махсуси аввалин ва рақамҳои шахсӣ ба хатмкунандагони факултети №4 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон" қироат гардид, ки ба 2 нафар рутбаи лейтенанти калони милитсия, ба 87 нафар рутбаи лейтенанти милитсия ва ба 4 нафар рутбаи лейтенанти хурди милитсия, инчунин дар ихтисоси ҳайати фармондеҳӣ ба 45 нафар рутбаи лейтенанти хизмати дохилӣ ва ба 1 нафар лейтенанти хурди хизмати дохилӣ дода шуд.

Муовини сардори РВКД дар вилояти Суғд полковники милитсия Бурҳониён О.П. зимни баромад хатмкунандагони факултетро табрик гуфта, бо шукргузорӣ аз фазои орому осудаи Ватан ва шароити хуби зисту таҳсил онҳоро дар иҷрои вазифаҳои навбатӣ барору комёбӣ таманно намуд. Номбурда дар тақвияти суханонаш илова намуд, ки фаромӯш набояд кард, ки корманди мақомоти корҳои дохилӣ будан ифтихору сарбаландист ва ин масъулият дар назди мову шумо ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ, ошкор, пешгирӣ ва мубориза беамон бурдан бо ҷиноятқорӣ, дониши мукаммал ва содиқ будан ба Савганди хешро талаб менамояд.

Дар идомаи чорабинии тантанавӣ аз номи хатмкунандагон лейтенанти ҷавон Пайрав Сиддиқов баромад карда, зикр намуд, ки дар посух ба ҳама ғамхориву дастгириҳои роҳбарияти олии мамлакат, ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва халқу миллат фаъолияти содиқонаву софдилонаро ба роҳ мемонанд. "Дар фаъолияти мустақили касбӣ чун устодон ва собиқадорони содиқи соҳа аз худ далериву шуҷоат ва мардонагиву матонат нишон медиҳем", - гуфт ӯ.

Дар интиҳои чорабинӣ сардори факултети №4 Одиназода А.Ш. бори дигар ба хатмкунандагон садоқату самимият, хизмати содиқона ба халқу Ватан ва иҷрои босалоҳияти уҳдариҳои хизматиро таманно намуд.

www.avkd.tj




# Иштироки курсантон дар Озмуни "Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст"

Ҷиҳати иҷрои Амри Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 3-юми феврали соли 2022, дар Академияи ВКД, тибқи талаботи Низомномаи Озмуни ҷумҳуриявии "Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст", моҳи апрели соли ҷорӣ даври аввали ин озмун аз рӯйи панҷ номинатсия ташкил карда шуд: - адабиёти кӯдакону наврасон ва осори шифоҳӣ; адабиёти классикии тоҷик; адабиёти муосири тоҷик; адабиёти ҷаҳон; эҷоди назму наср.

Шаш нафар курсантоне, ки ғолиби даври якуми озмун гардида, роҳхат ба даври ноҳиявӣ гирифта буданд, аз ҷумла Довудхуҷа Маҳмадуллозода, Хайрандеш Назаров, Сабрина Қодирова, Толиб Саидов, Салоҳиддин Абдуллозода Ҳоҷиакбар Солеҳзода дар даври ноҳиявии Озмуни "Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст", дар баробари дигар донишҷӯёни муассисаҳои олии кишвар фаъолона иштирок намуда истодаанд. Шоиста ба зикр ва таҳсин аст, ки ҳар як иқдом ё санае, ки аз олами афкору андешаҳои сабзу созандаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон арзи вуҷуд мекунад, боиси болоравии маънавиёти мардум, бахусус насли ҷавон ва умуман, қишрҳои мухталифи ҷомеа мегардад. Ҳадафи асосии озмуни ҷумҳуриявии "Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст", ки имрӯз дар саросари кишварамон даври ноҳиявии он идома дорад, баланд бардоштани завқи китобхонӣ, дарёфти чеҳраҳои нави суханвару сухандон, арҷ гузоштан ба арзишҳои миллию фарҳангӣ ва инкишофи қобилияти эҷодӣ, таҳкими эҳсоси худшиносӣ, ғанӣ гардонидани захираи луғавӣ, тақвияти ҷаҳони маънавӣ ва баландгардонии доираи забондонӣ миёни қишрҳои мухталифи ҷомеа, аз ҷумла хонандагону донишҷӯёни ҳамаи зинаҳои таҳсилот ва шаҳрвандони кишвар мебошад. Роҳандозию баргузории озмуни "Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст", воқеан, аз шоёнтарин корҳо, аз беҳтарин барномаҳо, аз муҳимтарин тадбирҳо, аз волотарин иқдомҳои фарҳангии роҳбарияти Ҳукумати кишвар аст. Ин озмуни пурфурӯғ барои баланд бардоштани маърифати ҷомеа ба роҳ монда шудааст.

*Азиза Давлатшоозода,*
*полковники милитсия*

# Семинари илмӣ-назариявӣ

Санаи 17-уми июн дар Академия, бо ибтикори кафедраи фанҳои ҷамъиятии факултети №2, семинари илмӣ-назариявӣ дар мавзӯи "Ваҳдати миллӣ - рамзи пешрафт ва ягонагии ҷомеа", бахшида ба 25-солагии Ваҳдати миллӣ баргузор гардид. Дар семинар омӯзгорони ботаҷриба ва курсантони аъзои ҷамъияти илмии назди кафедра фаъолона ширкат намуда, дар мавзӯъҳои "Арзишҳои Ваҳдати миллӣ", "Милитсияи Тоҷикистон - таъминкунандаи Ҳукумати конститутсионӣ", "Тобиши мафҳуми Ваҳдат дар луғот ва вожаномаҳо", "Ваҳдати миллӣ - омили муҳими тарбияи ҷавонон", "Ваҳдати миллӣ - сарҷамъии миллат", "Ваҳдат - бақои миллат", "Роғун - Ваҳдати амалии тоҷикон", "Милитсия такягоҳи боэътимоди Истиқлолият", "Омилҳои иқтисодии таҳкими Ваҳдати миллӣ" ва "Ваҳдати миллӣ - пояи сулҳ аст", "Ваҳдат - номаи тақдири миллат" маърӯзаҳо намуданд.





Ҳамзамон, боиси тазаккур аст, ки дар кори семинари мазкур омӯзгорони ботаҷриба, ки шоҳиди воқеии раванди расидан ба сулҳ мебошанд, аз ҷумлаи сардори шуъбаи адъюнктураи Академия, н.и.ҳ., дотсент, полковники милитсия Н. Самиев, ходими калони илмии шуъбаи мазкур полковники милитсия Б. Асламов, инчунин намояндаи Шӯрои ҷавонони Академия лейтенанти калони милитсия А. Раҷабалиён атрофи арзишҳои волои ин неъмати таърихӣ изҳори назар карданд.

***Самиъзода Б.С.,***
***подполковники милитсия***

# Ҳамеша бо Ватан будам, ҳамеша бо Ватан масрур...

Мавзӯи сулҳу ваҳдат ва накӯкориву созандагӣ ҳамчун шиори мардуми фарҳангпарвару тамаддунсози тоҷик ба осори адиби башардӯст - Мирзо Турсунзода ҷилои тоза мебахшад. Мирзо Турсунзода доираи мавзӯъ ва масъалаҳои адабиёти муосири тоҷикро вусъат дода, манзараҳои гуногуни ҳаёти мамлакатҳои хориҷиро бо афкори нав ва аз дидгоҳи тоза ба адабиёти мо ворид сохт ва ба ин васила мактаби нави адабиро ба вуҷуд овард. Сабақи дигари ин мактаби адабӣ иборат аз он аст, ки шеъру сиёсатро ба ҳам омезиш дода, адабиётро ҳамчун василаи муассири муттаҳид кардани ҷомеа ва ташаккули афкори умум нерӯманд гардонид. Мирзо Турсунзода ҳамчун муборизу тарғибгари сулҳу амонӣ ва ғояҳои байналмилалӣ борҳо сафарҳои хориҷӣ анҷом дода, дар роҳи таҳкими сулҳу дӯстии кишварҳои Ғарбу Шарқ хизматҳои беназир кардааст. Дар натиҷаи сафарҳояш ба Деҳлӣ, Исломобод, Париж, Варшава, Вена, Қоҳира, Стокголм, Хелсинки ва



дигар шаҳру кишварҳо устод Мирзо Турсунзода чун шахсияти барҷастаи фарҳангию иҷтимоӣ ба камол расид ва Тоҷикистону халқи тоҷикро ба оламиён муаррифӣ намуд. Соли 1960 Ҳукумати Шӯравӣ хизматҳои барҷастаи шоирро ба назар гирифта, барои достони "Ҳасани аробакаш" ва силсилаи шеърҳои "Садои Осиё" ӯро бо Ҷоизаи ленинӣ мушарраф гардонид. Соли 2001 - дар арафаи 90-солагии шоир, фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи ба ин фарзанди фарзонаи миллат, тарғибгари сулҳу амонӣ ва ғояҳои байналмилалӣ - Мирзо Турсунзода додани унвони Қаҳрамони Тоҷикистон ба имзо расид. Чун анъана ҳар сол моҳи май (бахшида ба зодрӯзи шоир) чун дар дигар муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар Академияи ВКД низ чорабиниҳои гуногун: конференсия, семинар, мизи мудаввар ва турсунзодахонӣ баргузор мегардад. Маҳфили имсолаи турсунзодахонӣ, ки 25 нафар курсантон ашъори ин шоири маҳбуби тоҷикро бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ аз ёд намуданд, инчунин омода намудани саҳнача аз достони "Ҳасани аробакаш", аз маҳфилҳои пештара тафовут дошт. Дар фарҷоми чорабинӣ курсантони фаъол бо китоби "Таронаи ишқ"-и Мирзо Турсунзода сарфароз гардонида шуданд.

Мақсад аз гузаронидани чунин маҳфилҳо эҳё намудани анъанаҳои арзишманд, амсоли шоҳномахонӣ, маснавихонӣ, бедилхонӣ, саъдихонӣ, турсунзодахонӣ ва омода сохтани заминаҳои мусоиди фикрӣ барои рушду нумӯи тафаккури адабӣ, қобилияти суханварӣ мебошад.

***Азиза Давлатшозода,***
***номзади илмҳои педагогӣ***

# Викторина аз фанни назарияи давлат ва ҳуқуқ

Бо мақсади амалӣ намудани нақша-чорабиниҳои асосии Академия, санаи 9-уми июн бо ташаббуси ҷамъияти илмии курсантони "Давлатшиносони ҷавон"-и кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети №2 викторина аз фанни назарияи давлат ва ҳуқуқ дар байни курсантони курси якуми факултетҳои №2 ва №6 баргузор гардид. Дар чорабинии мазкур сардори факултети №2, н.и.ҳ. полковники милитсия Сафарзода Ҳ.С., ходими илмии ШТИ ва ТН капитани милитсия Лоиқ Расулзод, сардори кафедраи фанҳои ҷамъиятии факултети №2, н.и.ҳ., подполковники милитсия Муҳаммад Саъдӣ, сардори кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети №2, н.и.ҳ., майори милитсия Заробидинзода С.З. ва ҳайати профессорону омӯзгорони кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқӣ фаъолона иштирок намуданд. Дар озмуни мазкур 11 гурӯҳ аз байни курсантони гурӯҳҳои таълимии курси якум ширкат варзиданд.





Озмун дар шакли викторина аз 5 давр иборат буд, аз ҷумла:

1. Донистани мафҳумҳои зиёд аз фанни назарияи давлат ва ҳуқуқ;
2. Пур кардани тест аз фанни назарияи давлат ва ҳуқуқ;
3. Пур кардани сканворд;
4. Ба тарзи шифоҳӣ (билет) ҷавоб гардонидан ба саволҳо;
5. Дар шакли слайд пешниҳод намудани калимаҳо вобаста ба фанни назарияи давлат ва ҳуқуқ.

Иштирокчиён аз уҳдаи тамоми шартҳо баромада, байни худ бо шавқу рағбат рақобат намуданд. Аз натиҷаи озмун маълум гардид, ки ҷойи аввал насиби гурӯҳи 107, ҷойи дуюм насиби гурӯҳи 104 ва ҷойи сеюмро гуруҳи 106 факултети №2 ба даст оварданд.

Дар охир, иштирокчиён барои иштироки фаъолонаашон қадрдонӣ гардиданд.

***Фахриддинзода Ҳ.С.,***
***роҳбари маҳфили илмии "Давлатшиносони ҷавон",***
***муаллими кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети №2,***
***лейтенанти калони милитсия***

Миллатҳо аҳкоми дурусти худро аз таърих дарёфт мекунанд.

Фридрих Гегел



# Тараннуми ҷавонӣ



Барои ҳар як давлату миллат ваҳдат ва ризоияти миллӣ инъикосгари ормонҳои миллӣ ба ҳисоб меравад. Миллатҳои гуногун дар барҳе кишварҳои ҷаҳон дар орзуи амну субот ва ризоияти миллӣ мебошанд. Дар тӯли таърих миллати куҳанбунёди тоҷик ба сари касе ханҷар накашида, бо сари баланд аз Истиқлолу озодии хеш дифоъ намудааст.

Вазъи ногувори геополитикии солҳои 90-уми асри 20 ба Ҷумҳурии Тоҷикистон низ бе таъсир намонд. Дасисакорони дохилию хориҷӣ мехостанд, ки бо манофеи геополитикии давлатҳои бегона ҳувияти миллӣ, расму русум, мансуб ба нажоди ориёӣ, таърих, забон ва фарҳанги куҳани моро аз байн бурда, пойбанди идеологияи бегона намоянд. Хушбахтона, тоҷикон ҳамеша накӯном ва саодатманд буданд ва барҳақ, тавре номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳмон Озода Эмомалӣ қайд намудаанд: "Дар симои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таърих бори дигар собит сохт, ки наҷоти ҳар як миллат дар лаҳзаи ҳассосу фоҷиабор бо зуҳури шахсияти бузурги миллӣ вобастагии зич дорад. Зеро маҳз шахсиятҳои бузург қодиранд инсонҳоро дар ҳалли масъалаҳои печидаву мураккаби иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ роҳнамо карда, дар қалбу дидаи мардум шӯълаи умедро ба оянда дурахшон барафрӯзанд. Ва чунин шахсияти шуҷову қавиирода барои миллати бостониву бофарҳанг, аммо дар ибтидои солҳои 90-уми қарни сипаригашта бо дасисаи душманони дохиливу хориҷӣ мардуми азияткашидаи тоҷик, маҳз дар симои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зуҳур намуд. Падид омадани шахсияти барҷаставу нотакрор бахти тоҷикон буд, зеро миллатро сарҷамъ намуд ва ба кишвар истиқлоли воқеӣ овард".

Ҳамасола Рӯзи ҷавонон ва Ваҳдати миллӣ бо ташаббуси Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Тоҷикистон ботантана ва шукӯҳу шаҳомати хос ҷашн гирифта мешавад, ки пур аз чорабиниҳои мухталиф барои насли ҷавони кишвар мебошад. Чорабиниҳои мазкур иборат аз барномаҳои варзишӣ, фарҳангӣ, шабҳои назм ва консертҳо мебошад.

Дар ин асос, санаи 9-уми июн дар Боғи устод Рӯдакии пойтахт аз ҷониби кормандҳ-ҳаваскорони Академия, дар доираи нақшаи муштараки Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илм, бахшида ба Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон ва 25-солагии Ваҳдати миллӣ чорабинии фарҳангию фароғатӣ таҳти унвони "Суруди ҷавонӣ" баргузор гардид. Барномаи консертӣ саршор аз таронаҳои ватандӯстона ва арҷгузорӣ ба хизматҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буд.

Чорабиниҳои мазкур дар рӯҳияи баланди ватандӯстӣ баргузор гардиданд.

*С. Сафарзода,*
*Ш. Убайдуллоев*



# Ҷавонони Тоҷикистон - ҳамқадам бо замон

Ҳукумати кишвар ҳалли мушкилоту масъалаҳои ҳаёти навраcону ҷавононро самти стратегӣ ва афзалиятноки сиёсати иҷтимоӣ медонад ва имрӯз, ки мо дар роҳи бунёди ҷомеаи ҳуқуқбунёду демократӣ қарор дорем, барои ноил шудан ба инкишофи устувори давлат бояд ба масъалаи ҷавонон ва истифода аз имкониятҳои зеҳниву ҷисмонии онҳо рӯ биоварем, зеро "мутобиқи нишондодҳои оморӣ ҷавонони синнашон то 30-сола ба 70% аҳолии ҷамъияти Тоҷикистон баробар аст" ва онҳо айни замон қувваи асосии пешбарандаи ҷомеаи имрӯзаи мо мебошанд.

Воқеан, ҷавонон дар ҳама давру замон қувваи асосӣ ва неруи бузурги бунёдгару созандаи давлату мамлакат буданд, ҳастанд ва мебошанд. Аз ин рӯ, ҳанӯз чанд ҳазор сол муқаддам файласуфи машҳури юнонӣ Арасту навишта буд, ки "...ҳама касоне, ки хусуси санъати идоракунии тафаккур намуданд, бояд фаромӯш накунанд, ки тақдири империяҳо ба тарбияи ҷавонон вобастагӣ дорад".

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо таъкид доштаанд, ки: "...ҷавонон бояд аз ҳама қишрҳои ҷомеа бештар фаъол бошанд, ташаббусҳои созанда пешниҳод намоянд, рамзҳои давлатӣ, муқаддасоти миллӣ ва дастовардҳои истиқлолиятро ҳифз кунанд, дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоии Тоҷикистони азиз бо дасту дили гарм ва нерӯи бунёдгарона ширкат варзанд, амнияти давлат ва шарафу номуси ватандориро ҳимоя карда, худро аз ҳама хавфу хатарҳои номатлуби ҷаҳони муосир эмин нигоҳ доранд ва парчамбардори ин сарзамин, марзу бум ва кишвари муқаддасамон бошанд".

Ҳукумати мамлакат тӯли солҳои Истиқлолияти давлатӣ ба рушди низоми тарбияву ташаккули насли солим ва фароҳам овардани шароит барои зиндагии арзандаи ҳар як шаҳрванд аҳамияти зарурӣ медиҳад. Зеро миллати солим таҳкурсии ҷомеаи солим мебошад. Давлати Тоҷикистон ба раванди омода намудани кадрҳои ҷавон вобаста ба талаботи соҳаҳои гуногуни кишвар таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, дар давоми солҳои Истиқлолият барои дастгирии ҷавонони соҳибистеъдоду лаёқатманд тадбирҳои назаррасро анҷом дода истодааст.

Месазад, ки мо ба андешаҳои Пешвои миллат, ки "... минбаъд олимони мо дар доираи стратегияву барномаҳои давлатӣ таҳқиқот бурда, ба масъалаи тарбияи муҳаққиқони ҷавони ихтироъкору навовар эътибори ҷиддӣ диҳанд", дастгиру ҳамовоз гардем.

"Бо мақсади вусъат додани шуғли аҳолӣ ва кам кардани шумораи бекорон, хусусан, дар байни ҷавонон, аз ҳисоби рушди соҳаҳои кишоварзӣ, коркарди маҳсулот, саноати сабук, хӯрокворӣ, масолеҳи сохтмон, кимиё, маъдан ва хизматрасониҳои нақлиёту алоқа, сайёҳӣ ва маорифу тандурустӣ ҳамасола на кам аз 100 ҳазор ҷойҳои корӣ таъсис дода шаванд", - таъкид менамоянд Пешвои миллат.

Назорати масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатии ҷавонон, кору фаъолияти онҳо дар хориҷи кишвар ва мусоидат ба ҳалли масъалаҳои ҷавонони муҳоҷир баъди бозгашт ба маҳалли зисташон дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда шавад. Инчунин, дар ин самт кӯшиш бояд кард, ки ҷавонони мо бо тайёрии зарурӣ ба хориҷи кишвар рафта, бо сабаби надонистани забон ва меъёрҳои одии муносибату муошират бо кордиҳандагон ба мушкилот дучор нашаванд, баъзеи онҳо аз каммаърифатӣ ба ҳизбу гурӯҳҳои ифротӣ шомил мешаванд.

Вобаста ба ин, аз устодону омӯзгорон ва падару модарон талаб карда мешавад, ки ба сатҳи азхудкунии фанҳои дақиқ ва забонҳои хориҷӣ бештар таваҷҷуҳ зоҳир кунанд, забонҳои хориҷӣ ва омӯзиши технологияҳои иттилоотиву коммуникатсиониро ба роҳ монанд.

Илова бар ин, бо мақсади баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, бахусус ҷавонон тамоми мақомоти давлатиро зарур аст, ки корҳои фармондиҳиро густариш диҳанд. Зеро вақтҳои охир мутаассифона аз тарафи барҳе ҷавонон қонунвайронкунӣ ба мушоҳида мерасад. Дар бисёр ҳолатҳо ба ҷавонон зарур аст, ки талаботи Конститутсия ва Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим", "Масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд", "Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ"-ро сармашқи фаъолияти хеш қарор диҳанд.

Сиёсати давлатии ҷавонон ба сиёсати хизмати давлатӣ ҳамбастагии зич дорад. Боварӣ дорем, ки кадрҳои ҷавони Тоҷикистон, бахусус хатмкунандагони Академияи ВКД бо набзи ҳаёт ва асри нав ҳамқадам буда, талаботи замонро пайваста эҳсос менамоянд, аз дастовардҳои илму техникаи муосир ақиб намемонанд ва манфиати Ватану миллат ва арзишҳои миллиро аз ҳама боло медонанд.

*Б. Асламов,*
*Ф. Қосимов*



# Машқҳои оперативӣ-тактикӣ

Дар асоси накшаи таълимӣ ва фармоиши сардори Академия, санаи 14-уми июн дар ин муассисаи таҳсилоти олии касбӣ машқҳои оперативӣ- тактикӣ оид ба бартараф намудани бетартибиҳои оммавӣ, бо иштироки курсантони курсҳои 1-уми ҳамаи факултетҳо гузаронида шуд. Дар рафти машқҳо муовини сардори Академия оид ба низом, н.и.ҳ., полковники милитсия Ализода Алиҷон Шариф, сардорон ва муовинони сардорони воҳидҳои таълимӣ-низомӣ, кормандони факултетҳо ва кафедраи тактикаи махсус ва омодагии ҷисмонӣ ширкат намуданд.



Дар ҷараёни машқҳо аз ҷониби омӯзгорон тарзи дуруст доштани сипар, дастаи резинӣ ва чӣ тавр зарба задан, инчунин, оид ба коркарди силоҳ, ба қисмҳо ҷудо ва ҷамъ намудани автоматҳои Калашников (7,62-5,45мм) ва тапончаи Макаров (9 мм) фаҳмонида шуд.

Бояд гуфт, чунин машғулиятҳои амалӣ пайваста дар Академия бо курсантон ва шунавандагон аз ҷониби омӯзгорони кафедраи тактикаи махсус ва омодагии ҷисмонӣ гузаронида мешавад.

***У. Олим,***
***Ш. Убайдуллоев***

# Тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии ҷавонон



Дар раванди тағйиротҳои солҳои Истиқлолияти давлатӣ, Академияи ВКД дар тарбияи ватандӯстии ҳайати шахсӣ тавассути сохторҳои он корҳои назаррасеро ба анҷом расонида, дар баланд бардоштани сатҳи омодагии ҳарбии курсантону шунавандагон ва хатмкунандагон кӯшишҳои зиёд ба харҷ медиҳад. "Ташаккули инсони ҳамаҷониба инкишоф ёфта, тарғиби тарзи ҳаёти солим ва тарбияи насли наврас дар руҳияи худшиносиву худогоҳии миллӣ, ватандӯстиву ватанпарварӣ ва эҳтиром ба арзишҳои неку созандаи милливу умумибашарӣ, аз ҷумла ҳадафҳои муҳими сиёсати иҷтимоии давлат ба шумор меравад", - қайд намудаанд Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии ашон дар ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 16-уми ноябри соли 2013.

Яке аз равандҳои муҳими корҳои тарбиявӣ дар Академия ин тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии курсантону шунавандагон ба шумор меравад. Тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ тавассути роҳбарияти Академия, сардорони воҳидҳои таълимӣ-низомӣ, қисми низомӣ, шуъбаву факултетҳо, кафедраҳо, ҳайати профессорону омӯзгорон, созмонҳои ҷамъиятӣ, Шӯрои ҷавонон, Шӯрои роҳнамоён ва Шӯрои кураторон амалӣ карда мешавад. Дар Академия чунин намудҳои тарбия пайваста амалӣ карда мешаванд:

- тарбияи касбӣ;
- тарбияи ахлоқӣ;
- тарбияи ҳуқуқӣ;
- тарбияи ватандӯстӣ ва инсондӯстӣ;
- тарбияи эстетикӣ;
- тарбияи экологӣ;
- тарбияи ҷисмонӣ.

Баҳри солимӣ ва омодагии ҷисмонии курсантон аз ҷониби кафедраи тактикаи махсус ва омодагии ҷисмонии факултети №2 пайваста мусобиқаҳои ҳарбӣ-варзишӣ гузаронида мешаванд, ки курсантон ғолиби мусобиқаҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ мегарданд.

Дар Оинномаи Академия омадааст, ки "Максадҳои тарбиявии Академия хамчун муассисаи олии махсус, аз талаботҳои фаъолияти касбии МКД бармеояд, Онҳо дар фаъолияти таълимӣ, илмӣ, хизматӣ ва фаъолияти ҷамъияти илмии шунавандагон амалӣ мегарданд.

Вобаста ба иҷрои дастуру супоришҳои Вазири корҳои дохилӣ дар самти ба амалияи мақомоти корҳои дохилӣ омода намудани хатмкунандагон аз ҷониби муовини сардори Академия оид ба низом, н.и.ҳ., полковники милитсия Ализода А.Ш. бо хатмкунандагони Академия чорабинии ҳарбӣ-ватандӯстӣ оид ба қисмҳо ҷудо намудани аслиҳаи оташфишон (автомати Калашников ва тапончаи Макаров), қоидаҳои бехатарии истифодаи аслиҳаи оташфишон дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва талаботи Оинномавӣ гузаронида шуд.

Хатмкунандагон дар чорабинӣ ширкати фаъол нишон дода, меъёрҳои муқарраргаштаро дар вақти муайян иҷро намуданд. Роҳбарияти Академия ба санҷиши омодагии назариявӣ ва амалии хатмкунандагон ҷиҳати истифода ва ба қисмҳо ҷудо намудани аслиҳаи оташфишон ва истифодаи дурусти он баҳои комёб гузоштанд.

***Б. Асламов,***
***С. Сафарзода***



## Фаъолнокӣ дар мусобиқаи идона



Дар асоси дастуру супоришҳои роҳбарияти ВКД, ҷиҳати солимгардонии ҳайати шахсӣ дар Академия аз санаи 16-уми май то 27-уми май бахшида ба Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон, тахти шиори "Ҷавонон пайравони Пешвои миллат" мусобиқаи варзишӣ аз намуди футболи хурд дар байни дастаҳои ин муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, барои дарёфти Ҷоми сардори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуд.

Дар мусобиқаи мазкур ҷойи аввал насиби дастаи шуъбаи кадрҳо, ҷойи дуюм насиби факултети №5 ва ҷойи сеюм насиби кафедраи тактикаи махсус ва омодагии ҷисмонӣ гардид.

Ба дастаҳое, ки сазовори ҷойҳои намоён гардиданд, Ҷом, Ифтихорнома ва медалҳо дода шуданд.

*С. Сафарзода*



## Ғолиби мусобиқаи ҷумҳуриявӣ

Рӯзҳои 27-29-уми май дар шаҳри Хуҷанд бахшида ба Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон мусобиқаи ҷумҳуриявӣ оид ба дзюдо дар байни ҷавонони то 23-сола баргузор гардид.

Дар ин мусобиқаи сатҳи ҷумҳуриявӣ курсанти курси 4-уми Академия Аюб Мирзоев иштирок намуда, аз худ малакаю маҳорати баланд нишон дода, соҳиби ҷойи сеюм гардид.

Мавриди қайд аст, ки А. Мирзоев пайваста ба машқу тамрин машғул гашта, дар мусобиқаҳои варзишӣ фаъолона иштирок намуда, ҷойҳои намоёнро соҳиб мегардад.

*Ш. Убайдуллоев*

## Чорабинии ҳарбӣ-ватандӯстӣ бахшида ба ҳафтаи ҷавонон

Тарбия ва ташаккули шахсияти ҷавонон вазифаи муқаддаси омӯзгорони Академия махсуб меёбад. Ин аст, ки роҳбарияти ин муассисаи таҳсилоти олии касбӣ барои тарбияи ватандӯстии онҳо пайваста чорабиниҳои варзишӣ-ватандӯстӣ ба нақша гирифта, дар доираи Шӯрои кураторони Академия баргузор менамояд.

Дар асоси ин ва бо ташаббуси сардори шуъбаи адъюнктура, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, полковники милитсия Назар Самиев, дар мувофиқа бо роҳбарияти Академия, бахшида ба ҳафтаи ҷавонони Тоҷикистон рӯзҳои 28-29-уми май курсантони гурӯҳи таълимии 208-уми факултети №2 (куратори гурӯҳи таълимӣ Н. Самиев) ба чорабинии навбатии варзишӣ-ватандӯстӣ бо иштироки сардори курси мазкур капитани милитсия С. Саидов ва муовини сардори курс капитани милитсия С. Аюбов ба мавзеи зебоманзари Варзоб сафарбар карда шуданд.



Курсантон аз милтиқи пневматикӣ тир паронда, ба бозиҳои варзишӣ, аз қабили шоҳмотбозӣ, волейбол, футбол ва шиноварӣ машғул гардиданд.

Чорабинии фарҳангӣ-варзишӣ дар сатҳи баланд гузаронида шуда, дар рӯҳияи курсантон нақши хотирмон гузошт.

*У. Олим*

## Дастовардҳои варзишии Академия

Дар мусобиқаи ММА байни наврасон, ҷавонон ва калонсолон, ки рӯзҳои 20-21-уми ноябри соли 2021 бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардида буд, дастаи Академия сазовори ҷойи аввал ва 3 медали тилло, 2 нуқра ва 3 медали биринҷӣ гардид.

Аз санаи 21-уми декабр то 29-уми декабри соли 2021 бошад, дар шаҳри Тошканди Ҷумҳурии Узбекистон мусобиқаи Ҷоми Осиё аз намуди кикбоксинг, греплинг ва муҳорибаҳои омехта (ММА) баргузор гардид. Дар ин мусобиқа низ дастаи Академия фаъолона иштирок намуда, сазовори ҷойи аввал ва 3 медали тилло, 1 нуқра ва 3 медали биринҷӣ гардид.

Рӯзҳои 19-20-уми марти соли 2022 дар толори варзишии зӯрхона дар шаҳри Душанбе мусобиқаи ҷумҳуриявӣ оид ба санъати муҳорибаҳои омехтаи ғайрикасбӣ (ММА) байни ҷавонон ва калонсолон бахшида ба иди байналмилалии "Наврӯз" баргузор гардид. Дар ин мусобиқа дастаи Академия фаъолона иштирок намуда, соҳиби ҷойи аввал ва 1 медали тилло, 1 нуқра ва 3 медали биринҷӣ шуд. Рӯзҳои 13-16-уми марти соли



2022 мусобиқаи кушоди шаҳри Душанбе оид ба санъати муҳорибаҳои омехтаи ғайрикасбӣ (ТҶММА) байни ҷавонон ва калонсолон баргузор гардид, ки дар он низ варзишгарони Академия фаъолона иштирок намуда, 1 медали нуқра ва 2 медали биринҷӣ ба даст оварданд.

Санаи 5-уми июни соли равон дар толори варзишии Истиқлоли пойтахт мусобиқаи кушоди шаҳри Душанбе оид ба греплинг байни наврасон, ҷавонон ва калонсолон бахшида ба Рӯзи Ваҳдати миллӣ баргузор гардид. Дар мусобиқаи номбурда дастаи Академия фаъолона иштирок намуда, сазовори ҷойи аввал гашт.

*М. Назаров*




МУАССИС:
Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон

ҲАЙАТИ МУШОВАРА:
Раҳимзода Р.Ҳ.
*Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Шарифзода Ф.Р. *Сардори Академияи ВКД*
Насуриён П.А. *Муовини аввали сардори Академияи ВКД*
Саидзода З.А. *Муовини сардори Академияи ВКД*
Ализода А.Ш. *Муовини сардори Академияи ВКД*

*САРМУҲАРРИР:* Умед Олим
*ХАБАРНИГОР-СУРАТГИР:* Шавкат Убайдуллоев
*ТАРРОҲ:* Муҳаббат Рашидова

Барои истифодаи матолиби нашрияи "Набзи милитсия" нишон додани манбаъ ҳатмист.

Нашрия аксҳо ва бархе матолибро аз шабакаи ҷаҳонии Интернет истифода мебарад.

Аксҳо ва дастнависҳои ба идораи нашрия воридшуда ба муаллифон баргардонда намешаванд.
Маводҳои дастнавис қабул карда намешаванд.

Нашрия дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №242/РЗ-97 аз 12 апрели соли 2021 аз нав ба қайд гирифта шудааст.

НИШОНӢ:
734025, ш. Душанбе, кӯчаи Мастонгулов, 3.

Телефонҳо:
226-60-43 (факс),
226-60-42, 226-60-60, 907-50-37-45

Нашрия дар чопхонаи «Мега-принт» аз чоп баромад.

Адади нашр: 500 нусха